# Некӣ кардан ахлоқи хуб аст ва гуноҳ он аст, ки дар дилат нороҳатӣ биорад ва аз ошкор шуданаш дар байни мардум туро бадат ояд

Аз Нувос ибни Самъон (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд: "Некӣ кардан ахлоқи хуб аст ва гуноҳ он аст, ки дар дилат нороҳатӣ биорад ва аз ошкор шуданаш дар байни мардум туро бадат ояд". Аз Вобиса ибни Маъбад (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки гуфт: Назди Паёмбари Худо (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) омадам, пас фармуд: "Оё омадӣ, ки дар бораи некукорӣ ва гуноҳ савол кунӣ?" Гуфтам: Бале. Фармуд: "Аз қалбат фатво бигир. Некукорӣ он аст, ки нафс ба он ором гирад ва дил ба он итминон ёбад. Ва гуноҳ он аст, ки дар нафс тардид оварад, агарчи мардум бароят фатво диҳанд ва фатво диҳанд".

[Саҳеҳ] [الحديث الأول: رواه مسلم، والحديث الثاني: رواه أحمد والدارمي]

Паёмбари Худо (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) дар бораи некукорӣ ва гуноҳ хабар доданд. Фармуданд, ки аз бузургтарин сифатҳои некӣ — ахлоқи нек бо Аллоҳ Таъоло тавассути тақво; ва бо мардум, тавассути таҳаммули озор, камхашмӣ, чеҳраи кушода, сухани нарм, пайвандӣ, итоат, меҳрубонӣ, некукорӣ ва ҳамнишинии нек аст. Ва некӣ он чизест, ки қалб ва нафс ба он ором мегиранд. Аммо гуноҳ он чизест, ки дар нафс эҳсоси нороҳатӣ ва шубҳа ба вуҷуд меорад, ки дил ба он ором намегирад ва тарсе дар дил пайдо мешавад, ки мабодо гуноҳ бошад ва шубҳа боқӣ мемонад. Агар шахс аз ошкор кардани он амали худ шарм медорад, зеро дар назди мардум ва шахсиятҳои бообурӯ зишт менамояд, пас, он гуноҳ аст, на некӣ. Зеро нафс табиатан мехоҳад, ки мардум аз корҳои некаш огоҳ шаванд. Пас, агар инсон нахоҳад, ки ин амалҳояш назди дигарон ошкор шаванд, ин аломати гуноҳ будани он амал аст. Ҳатто агар олимон ва мардум барои ту он амалро ҳалол бидонанд, ту набояд онро то замоне ки шубҳа дар дили ту боқист, анҷом диҳӣ. Зеро агар шубҳа дуруст бошад, фатво онро аз байн намебарад, зеро муфтӣ шояд бар асоси далели шаръӣ фатво надодааст. Аммо агар фатво бар асоси далели шаръӣ бошад, бар ту лозим аст, ки ба он амал кунӣ, ҳатто агар нафси ту ба он майл надошта бошад.

النجاة الخيرية
ALNAJAT CHARITY

لجنة الدعوة الإلكترونية
EDC
E-Da'wah Committee